# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи “Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Суннати ёддоштнависӣ ва сафарноманигорӣ дар адабиёти тоҷик таърихи қадима ва пурбору пурғановат дорад. Дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ осори зиёди насрие мавҷуд аст, ки дар онҳо муаллифон хотироту ёддоштҳои сафарҳояшон, дидаю шунидаҳояшон ва воқеоти хотирмони замони зиндагияшонро нақл кардаанд. Намунаи барҷастаи ин осор “Сафарнома”-и Носири Хусрав, “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, “Савонеҳ-ул-масолик”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш мебошанд, ки онҳо дорои хасоиси ёддоштию сафарномавӣ ҳастанд.

Дар замони мо нахустин шуда устод С. Айнӣ тавассути “Ёддоштҳо”-и мондагори худ ин навъи суннатии насри классикии форсии тоҷикиро аз нав эҳё намуданд. Баъдан, ин анъана идома ёфта, тадриҷан дар насри муосири тоҷикӣ як тамоили муҳимму инкишофёбандаро ба вуҷуд овард, ки он то имрӯз идома дорад. Аз ин ҷиҳат, худи раванди инкишофи тамоили ёддоштнависӣ дар насри муосир зарурати таҳқиқу омӯзиши онро ба миён мегузорад. Ба ибораи дигар, таҳқиқу баррасии ҳаматарафа ва фарогири асарҳои ёддоштии адибони муосир, ки аз мавзуъҳои муҳимми адабиётшиносии замони мост, барои ба таври илмӣ муайян намудани мақому ҷойгоҳи ин навъи наср дар адабиёти муосир, мушаххас кардани нақши қаламӣ адибони алоҳида дар ташаккул ва такомули хасоиси жанрии насри ёддоштӣ аз ҳар ҷиҳат муҳим аст.

Аз ин дидгоҳ, диссертатсияи У. Давлатовро метавон ба ҳайси иқдоми шоиста ва муҳимми илмию пажуҳишӣ дар масири таҳқиқи насри ёддоштию ҳуҷҷатии адабиёти муосири тоҷикӣ арзёбӣ намуд. Чунки таҳқиқи эҷодиёти адибони таъсиргузор ва тавоное, мисли устод Убайд Раҷаб имкон медиҳад, ки бисёре аз вижагиҳои мазмунию шаклӣ ва жанрии насри ёддоштӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта шавад. Ин нукта дар муқаддимаи диссертатсияи У. Давлатов таъкид мешавад ва он бори дигар мубрамияти мавзуи мавриди пажуҳиши диссертантро таъйид менамояд.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар баробари тавзеҳи муҳиммияти мавзуи мавриди назар, муҳаққиқ дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгонии илмии он ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқоти худро тавзеҳ намуда, таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба ҳолати кунунии инкишофи насри ёддоштӣ дар адабиёти муосири тоҷикӣ ҷалб менамояд. Вай таъкид медорад, ки жанри ёддошт дар қарни XX ба яке аз марҳалаҳои нави ташаккули худ дар адабиёти муосири тоҷик ворид гардид, ки ба ин хидматҳои шоёни устод Садриддин Айнӣ гувоҳ аст. Бо иншои “Ёддоштҳо”-и худ дар заминаи анъанаҳои классикии он устод Айнӣ муваффақ шуд, ки истиқлоли ин наъи насрро аз дидгоҳи адабию ҳунарӣ таъйин намояд. Вижагиҳои ин масъала дар боби якуми диссертатсия, ки “Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик” унвон дорад, ба таври муфассал мавриди баҳс қарор мегирад.

Дар фасли якуми боби мазкур диссертант ба таври мухтасар масъалаи таснифи анвои насрро дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ тавзеҳ дода, таъкид мекунад, ки ёддошт ҳамчун жанри мустақили адабӣ дар таърихи насри форсии тоҷикӣ мавқеи хос дошта, дар ташаккули анвои насри классикӣ нақши муҳим бозидааст.

Илова бар ин, ишора мешавад, ки бо иншои китоби “Ёддоштҳо”-и худ дар заминаи анъанаҳои насри классикӣ устод С. Айнӣ дар давраи нави инкишофи адабиёти тоҷикӣ истиқлоли жанрии ин навъи насрро таъйин намуд. Баъдан, ин навъи наср дар шаклу шеваҳои гуногун дар эҷодиёти С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил ва дигарон идома ёфта, дар насри муосири тоҷик тамоили ёддоштнависиро инкишоф дод.

Раванди инкишофи суннати ёддоштнависӣ, заминаю омилҳои зуҳуру инкишофи он дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия, ки “Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик” унвон дорад, баррасӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки дар ин замина қаблан ҳам муҳаққиқони насри классикӣ ибрози назар намуда буданд, аммо У. Давлатов кӯшиш намудааст, ки андешаҳои дар ин замина баёншударо аз нигоҳи нав ва имрӯзӣ бо такя ба таҳқиқотҳои солҳои охири муҳаққиқони насри бадеӣ мавриди андеша қарор диҳад. Вай ҳадафи худро дар ин фасли диссертатсия ба таври зайл баён мекунад: “Пажуҳиш дар бораи ёддошт ва ёддоштнависӣ мавзуи навест... Дар бораи ёддошт таърифҳои бисёре аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи адабиёт ва рӯзноманигорони касбӣ ироа шудаанд, ки муаллиф ин таърифҳоро дастабандӣ намуда, хулосаи худро перомуни мавзуъ баён менамояд”.

Диссертант ба таърихи ташаккули унсурҳои жанри ёддошт дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ руҷуъ намуда, дар маҷмуъ, осори дорои хусусияти ёддоштиро ба шаш гуруҳ тақсимбандӣ менамояд. Таъкид мешавад, ки суннати сафарноманигории классикӣ барои ташаккули хасоиси жанрии насри ёддоштӣ ва умуман, инишофи суннати ёддоштнависӣ дар замони мо мусоидат намуд. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ дар ин фасли диссертатсияи У. Давлатов он аст, ки муҳаққиқ хусусиятҳои хоси адабию жанрии ёддоштро ба ду гуруҳ дастабандӣ намуда, ҷиҳатҳои муҳимму жанрсози онро дар 11 банд тавзеҳ медиҳад.

Таҳаввули тозаи хасоиси адабии ин навъи насрро дар адабиёти муосири тоҷикӣ У. Давлатов дар фасли сеюми боби мазкур ба таври мушаххас мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки он як навъ андешаронииҳои диссертантро дар мавриди марҳалаҳои таърихии инкишофи ин навъи наср дар адабиёти тоҷик танзим менамояд.

Дар оғози фасли мазкур, ки “Саннатгарой ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосир” унвон дорад, диссертант хасоиси адабию жанрии “Ёддоштҳо”-и устод Айниро дар муқоиса бо “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ, “Наводир-ул-вақоеъ”-и Дониш ва осори дигари адабони тоҷик баррасӣ намуда, дуруст таъкид менамояд, ки ёддоштнависӣ аз ҳар як қаламкаш, бавижа аҳли адаб, омӯзиши таҷрибаи зиндагӣ ва таассурот бардоштан аз онро тақозо дорад. Ин нуктаро диссертант бо ишора ба таҷрибаи эҷодии устод С. Айнӣ собит месозад. Воқеан, устод Айнӣ дар солҳои охири умрашон ба таълифи китоби мондагори “Ёддоштҳо” шуруъ намуданд ва ин китоб шухрати ҷаҳонии муаллифро ба маротиб афзуд.

Бояд гуфт, ки мактаби ёддоштнависии устод С. Айнӣ дар адабиёти тоҷикии давраи истиқлол эҳёи тоза ёфт. Яке аз онҳое, ки дар эҳёи ин суннати адабӣ нақши муҳим гузошт, ин шоири маъруф ва маҳбуби халқи тоҷик устод Убайд Раҷаб буд. Эшон аз ҷумлаи онҳоеанд, ки аз суннтаи ёддоштнависии устодони насри муосири тоҷикӣ, хоса аз мактаби Айнӣ истиқбол намуда, як силсила асарҳои ёддоштӣ таълиф намуд, ки онҳо шухрати ин адиби тавоноро афзуд. Махсусан, асарҳои ёддоштии У. Раҷаб “Дӯш будам ҳамнишин”, “Марди майдони талош” ва “Зинда ба ишқ” ҳанӯз дар давраи ба нашр расиданашон дар байни хонандагон ва алоқамандони адабиёти тоҷик истиқболи гарм пайдо намуда буданд.

Ба таври куллӣ, ёддоштҳои У. Раҷаб дар бораи шахсиятҳои бузурги адабӣ, муҳити адабии нимаи дуюми садаи XX ва дидаю шунидаҳои

муаллиф дар ин заминаҳо қисса мекунанд, ки аксари ҳикоятҳои он омӯзанда ва маърифатбахшанд.

Ёддоштҳои У. Раҷаб ҳам аз нигоҳи шакл ва ҳам аз нигоҳи мазмун дар бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсияи У. Давлатов ба таври муфассал ва фарогир мавриди пажуҳиш қарор мегирад. Дар фаслҳои алоҳидаи ин бобҳо вижагиҳои мазмунӣ ва адабию ҳунарии осори ёддоштии У. Раҷаб аз дидгоҳҳои мухталиф таҳлил мегардад.

Боби дуюми диссертатсияи У. Давлатов "Убайд Раҷаб ва идомаи суннату шеваҳои хоси ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик" унвон дошта, он аз чаҳор фасли ҷудогона иборат аст. Дар фасли якуми ин боб диссертант сохтор ва мундариҷаи ёддоштҳои У. Раҷабро таҳқиқ менамояд. Вай таъкид менамояд, ки аксари асарҳои ёддоштии У. Раҷаб аз нигоҳи сохтори адабӣ ба қиссаҳое монанд ҳастанд, ки онҳо аз ҳикоятҳои гуногун фароҳам омадаанд. Ин шеваи нигориши муаллиф усули баёни қисса андар қиссаро, ки дар насри классикӣ мавқеи калон дошт, ба хотир меорад. Инчунин, таъсирпазирии равшани У. Раҷаб аз осори ёддоштии устод Айниро диссертант зимни таҳлилу муқоисаҳои муфассал мушаххас таъкид менамояд. Вай зимни таҳлили қиёсии китобҳои "Дӯш будам ҳамнишин" ва "Зинда ба ишқ"-и У. Раҷаб бо "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ таъкид менамояд, ки У. Раҷаб дар ёддоштнависӣ аз давомдиҳандагони суннатҳои эҷодии асосгузори адабиёти муосири тоҷик аст. Аммо китоби "Зинда ба ишқ", ки муҳтавои онро хотироти муаллиф дар бораи устод М. Турсунзода ташкил медиҳад, диссертант онро аз нигоҳи сохтори бадеӣ қиссаи мустанади ёддоштӣ меномад ва ин андешаи муҳаққиқ, воқеан, қобили мулоҳиза аст.

Масъалаи дигари муҳимми мавриди таваҷҷуҳи диссертант дар боби дуюми диссертатсия вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни У. Раҷаб дар осори ёддоштияш мебошад. Ин масъала дар фасли дуюми боби номбурда ба таҳқиқ омадааст. Диссертант шеваи нигориши хотироти У. Раҷабро дар бораи С. Айнӣ ва М. Турсунзода ба таври қиёсӣ баррасӣ намуда, тафовутҳои сабки баёни адибро равшан месозад. Аммо, бо вуҷуди ин, таъкид мешавад, ки ёддоштҳои У. Раҷаб дар бораи С. Айнӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода ва дигарон, асосан дар қолаби ҳикояту қиссаҳои мустанад таълиф шудаанд. Баъдан, муҳаққиқ ҷанбаҳои забонии осори ёддоштии У. Раҷабро муфассал ва аз дидгоҳҳои гуногун баррасӣ намуда, ба чунин хулоса мерасад: "Забони ёддоштҳои Убайд Раҷаб забоне аст, бисёр рангину мутана ввеъ ва дар насри муосири тоҷик намунаи барҷаста ба ҳисоб меравад".

Ин нуктаро аксари муҳаққиқон ва муқарризони осори У. Раҷаб низ зикр мекунанд. Ин ҷо таъсир ва пайванди ногусастанӣ доштани сабки ашъори шоир бо ёддоштҳои ӯ собит мегардад. Чунки У. Раҷаб аз ҷумлаи шоироне буд, ки ба забони зинда ва адабии гуфтугӯии мардум таваҷҷуҳи хос дошт ва аз ин захираи маърифати халқ ба таври фаровон истифода мекард. Ин фазилати муҳимми сабки баёни шоир зимни баррасии маҷрои нақл, сухани ноқили асосӣ, гуфтугӯии қаҳрамон ва ғайра бо овардани мисолҳои равшан собит карда мешавад.

Бояд гуфт, ки шахсияти устод Садриддин Айнӣ ва корномаи адабию фарҳангӣ ва равшангарии ӯ дар ёддоштҳои У. Раҷаб ҷойгоҳи хоса дорад. Таваҷҷуҳи хосаи У. Раҷаб ба устод Айнӣ дар фасли сеюми боби дуюми диссертатсияи мавриди назар муфассал таҳқиқ шудааст.

Дар ёддоштҳои У. Раҷаб асосан чаҳор лаҳзаи зиндагии С. Айнӣ, ки муаллиф шоҳиди бевосита будааст, тасвир мешавад. У. Раҷаб дар ибтидо, яъне дар замони мактабхонияш тавассути мутолиаи китобҳои “Мактаби кӯҳна” ва “Одина” бо шахсияти устод С. Айнӣ ва осори ӯ ошно мешавад. Вай дар яке аз ҳикояҳояш ишора менамояд, ки мутолиаи асарҳои зикргардида дар дили ман орзуи мулоқот бо С. Айниро бедор кард.

Баъдан, У. Раҷаб бевосита устод Айниро ҳангоми сафари таърихияшон ба сарбанди канали Марғедар мебинад ва таассуроти ин мулоқотро муаллиф дар ёддоштҳои худ муфассал тасвир менамояд. Бори дуюм, У. Раҷаб ҳангоми донишҷӯйи Омӯзишгоҳи педагогӣ буданаш бо устод С. Айнӣ вомехурад, ки он ҳам хотирмон мебошад.

Дар фасли чоруми боби дуюми диссертатсия қиссаи ҳуҷҷатии “Марди майдони талош” таҳлил мешавад, ки дар он симои фардӣ ва корномаи иҷтимоии полковники хадамоти умури дохила Олмуҳаммад Раҷабов тасвир шудааст. Зимни баррасии қиссаи мазкур диссертант таъкид менамояд, ки У. Раҷаб дар ҳамкорӣ бо қаҳрамони худ қиссаеро аз ҳаёти як тан фидоии мақомоти корҳои дохилӣ таълиф намудааст. Вай бо тасвири лаҳзаҳои хотирмони кору фаъолияти қаҳрамони худ, як асари дорои аҳаммияти хоси ахлоқию тарбиятиро ба хонандагон пешкаш карда буд.

Дар боби сеюми диссертатсияи У. Давлатов асосан, тасвири симои аҳли адабро дар ёддоштҳои У. Раҷаб таҳлил мекунад. Дар се фасли ин боби диссертатсия тасвири симоҳои устодон, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, А. Деҳотӣ, П. Толис, Н. Розиқ, Ҷ. Одина, А. Сафар, Л. Шералӣ, Ҳ. Назаров ва дигарон дар ёддоштҳои У. Раҷаб таҳлил мешаванд.

Ҷолиб он аст, ки диссертант масъалаи бозтоби чеҳраи худи У. Раҷабро ҳам дар ёддоштҳои аҳли илму адаб дар як фасли ҷудогона мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки ин арзиши илмӣ ва адабию маърифатии таҳқиқоти мазкурро меафзояд.

Дар боби сеюми диссертатсия ду китоби муҳимми ёддоштии У. Раҷаб, ки "Зинда ба ишқ" ва "Дӯш будам ҳамнишин" унвон доранд, ба таври муфассал, ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози сабку шеваҳои ёддоштнигорӣ муфассал баррасӣ мешавад. Дар китоби аввал тибқи ишораи диссертант бисёре аз паҳлуҳо ва лаҳзаҳои норавшани фаъолиятҳои адабию иҷтимоӣ ва фарҳангии устод М. Турсунзода равшан карда мешавад.

Дар китоби дуюм бошад, лаҳзаҳои ҷолибу хотирмон ва омӯзанда аз рӯзгор ва фаъолиятҳои адабию эҷодии устод Б. Раҳимзода, М. Раҳимӣ, П. Толис, А. Сафар, Ҷ. Одина ва дигарон нақл мешавад. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки муаллиф дар воқеаҳои тасвиркардааш ҳам ба ҳайси иштирокчии бевосита ва ҳам ба ҳайси шунавандаю мушоҳид ҳузур менамояд ва ин як вижагии муҳимми адабию бадеии ёддоштҳои У. Раҷаб аст.

Ба таври куллӣ, дар диссертатсияи У. Давлатов асарҳои ёддоштии У. Раҷаб аз чандин дидгоҳ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Хулосаҳо ва бардоштҳои илмию пажуҳишии диссертант дар қисмати хулосавии диссертатсия дар понздаҳ банд ба таври мушаххас оварда шудааст, ки он арзиши илмии пажуҳиши мавриди назарро меафзояд.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи мазкур дар баробари муҳассаноти зикргардида баъзе камбудиҳо низ дорад, ки зикри онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия, дар бахши мубрамият ва муҳиммияти мавзуъ, ба ҷойи таъкиди масоили мазкур, бештар манзараи умумии суннати ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик тавзеҳ дода шудааст.
2. Дар боби якуми диссертатсия, ба назари мо, дар фасли алоҳида баррасӣ намудани таснифоти анвои наср зарурат надорад.
3. Дар боби дуюми диссертатсия масъалаҳои сохтори бадеӣ ва сабку забон агар дар охири боб, на дар фаслҳои аввал, баррасӣ мешуд, беҳтар буд.
4. Дар фасли сеюми боби якум ва фасли сеюми боби дуюм такрори фикр ва тавзеҳҳои якхела дар мавриди мактаби ёддоштнависии устод С. Айнӣ ба назар мерасад.

5. Дар саҳифаи 139 чунин ҷумла: “Холмурод Шарифов собиқ котиби идеологии Комитети маркази ҳизби комунисти Тоҷикистон...”-ро мехонем, ки он нодуруст аст.

Камбудиҳои зикргардида ислоҳшаванда буда, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намесозанд. Диссертатсияи номзадии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи “Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик” таҳқиқоти ба анҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмию пажуҳишӣ таълиф гардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Доктори илми филология,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти факултети филологияи**
**тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Солеҳов Ш. А.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

Имзои Ш. А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

27 .03. 2023.